Натиҷаи назарсанҷӣ дар мавзуи "Раванди амалишавии маблағгузории сабз дар низоми бонкӣ"

Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Пайнавишти ҷаласаи назди роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2024, №7 назарсанҷӣ дар мавзуи "Раванди амалишавии маблағгузории сабз дар низоми бонкӣ"-ро анҷом дод. Назарсанҷии мазкур аз санаи 13 то 17 майи соли 2024 миёни ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ гузаронида шуд.

Саволномаи назарсанҷӣ аз 15 савол иборат буда, дар он масъалаҳо вобаста ба ҳолати маблағгузории сабз дар фаъолияти респондентон дар бар гирифта шудаанд.

Дар назарсанҷии мазкур 31 респондентон, аз ҷумла 14 бонк ва 17 ташкилоти амонатии қарзии хурд, иштирок намуданд (нигаред ба диагр. 1).

Диаграммаи 1.Гурӯҳбандии ТҚМ (бо адад)




Ҷавобҳои респондентон дар назарсанҷии мазкур аз рӯйи ҳар як савол дар алоҳидагӣ таҳлил ва пешниҳод карда шудааст.

1. **"Ташкилоти Шумо дар соҳаи маблағгузории сабз чӣ гуна таҷриба ва натиҷаҳо дорад ва барои рушди ин соҳа чӣ нақшаҳо доред?".**

Аз таҳлили ҷавобҳои респондентон оид ба саволи мазкур бармеояд, ки қисми зиёди онҳо (84%) дар соҳаи маблағгузории сабз таҷриба ва натиҷаҳои мусбӣ дошта, дар давоми фаъолият дар самти иқтисоди "сабз" дар лоиҳаҳои гуногун иштирок намуда, аз ҳисоби маблағҳои худӣ ва ҷалбшуда якчанд тадбирҳоро ба анҷом расонидаанд. Аз ҷумла, Аз ҷумла, қисме аз респондентон ба соҳаҳои гуногуни

иқтисодиёт қарзҳои дастрас пешниҳод намудаанд. Масалан, ба корхонаҳои соҳаи энергетика барои истеҳсоли қувваи барқ қарзҳои дарозмуддати имтиёзнок пешниҳод намудааст.

Инчунин, ҷиҳати татбиқи Барномаи давлатии рушди нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028 тариқи аҳди Муробаҳа барои харидории электромобилҳо маблағгузорӣ гардидааст, ки аксари онҳо барои истифода дар ширкатҳои мусофиркашонӣ равона шудаанд.

Ҳамчунин, вомбаргҳои "сабз" дар ҳаҷми 10 млн долл ИМА ҳамарзиш бо пули миллӣ бароварда шуд. Ҳадафи асосии барориши вомбаргҳои "сабз" ин таъмин намудани маблағгузории лоиҳаҳое, ки барои ҳалли масъалаҳои муҳимми экологӣ, ба монанди тағйирёбии иқлим, камшавии захираҳои табиӣ, ифлосшавии обу ҳаво ва муҳофизати муҳити зист ва ғайраҳо равона шудаанд, дар бар мегирад. Ғайр аз ин, аз ҷониби қисме аз респондентон дар ҳамкорӣ бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки Ҷаҳонӣ ва Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд якчанд лоиҳаҳоро татбиқ шудааст. Аз ҷумла, соли 2014 фаъолият дар доираи лоиҳаи "Дастрасӣ ба маблағгузории сабз" дар ҳамкорӣ бо Вазорати молия ва Бонки Осиёии Рушд оғоз кардааст.

Қисме аз респондентон дар соҳаи маблағгузории сабз аз соли 2015 инҷониб фаъолона иштирок намуда, дар ин самт бо ташкилотҳои байналмиллалӣ (Бонки Осиёи Рушд, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Бонки Ҷаҳонӣ, Корпаратсияи Байналмилалии Молиявӣ) ҳамкории зич ба роҳ мондаанд. Дар натиҷа, соли 2021 ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз ҷониби Корпаратсияи Байналмилалии Молиявӣ бо шаҳодатнома оид ба эътироф намудани онҳо ҳамчун пешсафи маблағгузории фарогири сабз барои татбиқи стратегияи ягонаи институтсионалии экологӣ сарфароз гардонида шудаанд. Қисме аз респондентон соли 2021 дар ҳамкорӣ бо Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ дар самти пешниҳоди қарзҳое, ки таъсири манфӣ ба муҳит ва экология намерасонанд, ҳамкорӣ намудааст. Маҳсулоти воридшуда барои таъмини бехатарии муҳити зист ва экология ёрӣ мерасонад.

Дар баробари ин, қисме аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ (16%), дар ҷавобҳо изҳор намуданд, ки дар соҳаи маблағгузории сабз таҷрибаи кофӣ надоранд (нигаред ба диагр. 2).

Диаграммаи 2. Таҷрибаи респондентон дар соҳаи маблағгузории сабз (бо фоиз)




Оид ба нақшаҳои респондентон барои рушди соҳаи маблағгузории сабз бояд қайд намуд, ки ҳамаи онҳо дар ҷавобҳо изҳор намуданд, ки дар самти бештар пешниҳод намудани қарзҳои сабз, ҷалби сармояҳои хориҷӣ, иштирок дар лоиҳаҳо вобаста ба рушди иқтисоди сабз, ташкили чорабиниҳо барои оммавигардонии маълумот оид ба иқтисоди сабз ва маблағгузории он фаъолиятро ҷоннок намуда, тадбирҳои зарурӣ меандешанд ва пешниҳоди маҳсулоти нави қарзии сабзро ба нақша гирифтаанд.

Ҳамзамон, дар қисме аз репондентон аз ҳисоби кормандони ботаҷрибаи воҳидҳои сохторӣ гурӯҳи корӣ оид ба ворид намудани стратегияҳои ESG таъсис дода шудааст. Инчунин, барои рушди соҳаи маблағгузории сабз ва ҷалби муштариён дар давоми соли ҷорӣ дар ду Маркази хизматрасонии маблағгузории хурд ташкил намудани майдонҳои намоишӣ дар асоси энергияи барқароршаванда ба нақша гирифта шудаанд.

Қисме аз репондентон барои рушди маблағгузории сабз нақша доранд, маҳсулоти қарзии замонавӣ ба мисоли "қарз барои харидани нақлиёти барқӣ", "қарз барои воридкунандагони асбобҳои равшанидиҳанда, ки бо нури офтоб кор мекунанд", қарз барои "Коркарди партовҳо", инчунин барои растанипаварӣ, ки барои баланд бардоштани сатҳи экологӣ мусоидат мекунад, омода намуда, ба муштариён пешниҳод намоянд.

Дар маҷмуъ ҳамаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ҷавобҳо қайд намуданд, ки дар оянда оиди саҳм гузоштан дар амалисозии нақшаҳои мансуб ба маблағгузории сабз бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ҳамкории судмандро ба роҳ монанд.

**2. “Айни замон ташкилоти Шумо кадом имконоти маблағгузории сабзро доро мебошад ва кадом намуди маҳсулот/хизматрасониҳои молиявии сабзро пешниҳод мекунад?”.**

Таҳлили ҷавобҳои респондентон аз он шаҳодат медиҳад, ки қисми зиёди онҳо (77%), имкони маблағгузории сабзро доро мебошанд ва маҳсулот/хизматрасониҳои молиявии гуногуни маблағгузории сабзро пешниҳод менамоянд. Қисме аз репондентон дар рушди иқтисоди сабз аз соли 2018 инҷониб дар ҳамкорӣ бо Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар доираи барномаи Climadapt фаъолият менамояд.

Дар давоми амалии барномаи Climadapt қисме аз репондентон тавонистаанд, таҷрибаи хуб дар самти рушди иқтисодии сабз ба даст оваранд ва фаъолияти худро барои рушди ин соҳа зина ба зина идома диҳанд. Дар соли ҷорӣ қисме аз репондентон ба барномаи GEFF, ки аз тарафи Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд маблағгузорӣ карда мешавад, шомил гардидаанд. Қисме аз репондентон барои маблағгузории сабз аз Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд 4 млн долл ИМА дар нимсолаи дуюми соли 2024 дастрас хоҳанд кард, ки ба муштариён пешниҳод карда мешавад.

Қисме аз репондентон дар доираи меъёрҳо оид ба пешниҳоди “Қарзҳои сабз”, маблағгузорӣ ба соҳаҳои иқтисоди сабз аз ҳисоби ҳама сарчашмаҳо пешниҳод менамоянд. Дар соли 2024 аз ҷониби яке аз респондентон ба маблағи 13,9 млн сомонӣ қарзҳои сабз ба муштариён пешниҳод карда шуд. То охири соли ҷорӣ сандуқи қарзии сабз респондент то 14 фоиз ба нақша гирифта шудааст.

Инчунин, аз ҷониби яке аз респондентон дар соли 2024 маҳсулоти қарзии “Сабз” таҳия гардида, ба муштариён пешниҳод карда шуд. Мақсадҳои асосии маблағгузории мазкур хариди нақлиёти барқӣ ва анҷом додани сохтмон ё таъмир бо истифодабарии усулҳои каммасраф мебошад.

Диаграммаи 3. Имконоти респондентон оид ба маблағгузории сабз (бо фоиз)




Дар баробари ин, қисме аз репондентон (23%), имкони маблағгузории сабзро доро намебошанд ва маҳсулот/ хизматрасониҳои молиявии гуногуни маблағгузории сабзро пешниҳод намекунанд (нигаред ба диагр. 3).

3. **“Шумо ба лоиҳаҳои сабз чӣ қадар маблағ ҷудо кардаед ва чӣ тавр истифодаи маблағҳои ҷудошударо назорат мекунед ва кафолат медиҳед, ки ин маблағҳо ба мақсад мувофиқанд?”.**

Аз ҷавобҳои респондентон бармеояд, ки қисми зиёди онҳо ба лоиҳаҳои сабз маблағҳои муайян ҷудо кардаанд ва истифодаи маблағҳои ҷудошударо назорат мекунанд ва кафолат додаанд, ки ин маблағҳо мақсаднок истифода бурда мешаванд.

Тибқи маълумоти пешниҳодшуда, респондентон ба соҳаи иқтисоди сабз дар маҷмуъ 962,7 млн сомонӣ ва 207,2 млн долл ИМА маблағ ҷудо кардаанд.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки қисме аз респондентон дар лоиҳаҳои маблағгузории сабз иштирок накардаанд ва мувофиқан маблағҳои дахлдор ҷудо карда нашудааст.

Назорати мақсаднок истифодабарии қарзҳои ҷудошуда ва додани кафолати ин маблағҳо дар фаъолияти респондентон тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии дохилибонкӣ амалӣ карда мешаванд. Масалан, дар яке аз респондентон тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллӣ ва санадҳои меъёрии дохилибонкӣ баъд аз сипарӣ шудани 45 рӯз санади мақсаднок истифодабарии қарз тартиб дода мешавад.

Дар яке аз респондентони дигар бошад, барои назорати мақсаднок истифодабарии қарзҳои ҷудошуда шуъбаи мақсаднок истифодабарии

қарз таъсис дода шудааст, ки мутахассисони ин шуъба истифодабарии қарзҳоро назорат намуда, вобаста ба ин санад пешниҳод менамоянд.

Инчунин, дар қисме аз респондентон интихоби лоиҳаҳои “сабз” ва истифодабарии мақсадноки маблағҳо мувофиқи талаботи маблағгузории сабз ва тавассути чаҳорчӯбаи тасдиқшудаи вомбаргҳои “сабз” (Green Bond Framework) амалӣ карда мешаванд.

Ҳамчунин, дар қисме аз респондентон дар вақти гузаронидани ҷаласаи Кумитаи қарзӣ дастури техникаи харидоришаванда санҷида мешавад ва дар муддати 30 рӯз баъди гирифтани қарз, тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, мақсаднок истифодабарии қарз санҷида мешавад.

4. **“Сабаб чӣ буд, ки Шуморо водор кард, ки усулҳои маблағгузории сабзро татбиқ кунед?”.**

Оид ба саволи мазкур қисми зиёди респондентон ҷавоб доданд, ки сабабҳои асосии татбиқи усулҳои маблағгузории сабз дар ташкилот ин сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди “иқтисоди сабз”, қабули Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037, ҷалби сармояи хориҷӣ вобаста ба соҳаи «иқтисоди сабз» ва «маблағгузории сабз», саҳмгузорӣ дар безараргардонии иқлим, экология ва рушди экосистемаи кишвар, таваҷҷуҳ ба устуворӣ ва ҳифзи муҳити зист, рушди бозори электромобил ва талаботи муштариён ба ин намуди воситаи нақлиёт, инчунин мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, ҷалби технологияҳои каммасраф ва ғайраро мешуморанд (нигаред ба диагр. 4).

Диаграммаи 4. Сабабҳои татбиқи маблағгузории сабз дар респондентон (бо фоиз)



5. **“Меъёрҳои интихоби лоиҳаҳо барои маблағгузории сабз кадомҳоянд ва раванди қабули қарор дар бораи додани қарз чӣ гуна сурат мегирад?”.**

Аз таҳлили ҷавобҳои респондентон бармеояд, ки меъёрҳои интихоби лоиҳаҳо барои маблағгузории сабз ва раванди қабули қарор дар бораи додани қарз дар онҳо дар доираи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда амалӣ карда мешаванд. Аз ҷумла қисме аз респондентон интихоби лоиҳаҳои сабз **мувофиқи талаботи маблағгузории сабз ва тавассути чаҳорчӯбаи тасдиқшудаи вомбаргҳои “сабз” (Green Bond Framework)** амалӣ карда мешаванд.

Қисме аз респондентон бошад, меъёрҳои интихоби лоиҳаҳо барои маблағгузории сабзро дар **кам намудани сарфаи нерӯи барқ, сарфаи истифодаи об ва эрозияи замин** медонанд.

Ҳамчунин, дар ҷавоб оид ба саволи мазкур қисме аз респондентон изҳор намудаанд, ки айни замон, дар ташкилот меъёрҳо барои интихоби лоиҳаҳо маблағгузории сабз **пешбинӣ нагардидаанд**. Баъд аз қабул намудани стратегияҳо оид ба маблағгузории сабз, меъёрҳо бо принсипҳои байналмилалӣ муайян карда мешаванд.

Оид ба раванди қабули қарор дар бораи додани қарз барои маблағгузории сабз бештари респондентон изҳор намуданд, ки он аз тарафи Кумитаи қарзӣ (маблағгузорӣ)-и ташкилотҳо баррасӣ карда мешаванд.

6. **“Монеаҳо/мушкилоти асосӣ барои татбиқи принсипҳои маблағгузории сабз айни замон дар ташкилоти Шумо кадомҳоянд ва дар оянда низ метавонанд ба миён оянд?”.**

Таҳлили ҷавобҳои респондентон оид ба монеаҳо/мушкилоти асосӣ барои татбиқи принсипҳои маблағгузории сабз, ки метавонанд ба миён оянд, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки бештари онҳо (61%), мушкилот ва монеаҳои асосӣ барои татбиқи принсипҳои маблағгузории сабзро чунин мешуморанд. Аз ҷумла, қисме аз респондентон **дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани маълумотнокӣ ва малакаи кормандон дар самти маблағгузории сабз, маълумоти кофӣ надоштани муштариён дар ин соҳа, мушкилот ҳангоми табдилдиҳии соҳибкории хурд ва миёна ба иқтисоди сабз барои муштариён, мукаммал набудани заминаи ҳуқуқие, ки принсипҳои маблағгузории сабзро пурра танзим менамояд, ҷалби сармоягузорӣ, саводнокии пасти аҳолӣ оид ба технологияҳои сабз ва дигар мушкилот** ва монеаҳоро мешуморанд.

Диаграммаи 5. Монеаҳо/мушкилоти асосӣ барои татбиқи принсипҳои маблағгузории сабз дар респондентон (бо фоиз)




Ҳамзамон қисме аз респондентон (39%), изҳор намуданд, ки монеаҳо ва мушкилоти асосӣ барои татбиқи принсипҳои маблағгузории сабз мавҷуд намебошанд (ниг. ба диагр. 5).

7. **“То кадом андоза мушкилиҳои иҷтимоию экологӣ ба бизнес-хавфҳои ташкилоти Шумо ё муштариён таъсиргузор аст?”.**

Оид ба саволи мазкур бештари респондентон ҷавоб доданд, ки мушкилиҳои иҷимоию экологӣ ҳам ба респондент ва ҳам ба муштариён таъсири худро мерасонад. Аз ҷумла қисме аз респондентон изҳор намуданд, ки мушкилиҳои иҷимоию экологӣ ба бизнес-хавфҳои онҳо хавфи баландро эҷод карда метавонад.

Чунончӣ, яке аз респондентон қайд намудааст: тайи даҳсолаҳои охир паёмадҳои тағйирёбии иқлими сайёра (сардии аномалӣ, хушксолӣ, камобӣ, селу обхезиҳо, беҳосилӣ ва эрозияи замин) ба соҳаи кишоварзии кишвар таъсир гузошта, дар ин миён муштариён аз бад шудани сифати ҳосили кишоварзӣ ва ё талафёбии он шикоят мебаранд. Табиист, ки чунин вазъ метавонад ба сатҳи зиндагӣ ва қобилияти пардохтпазирии муштариёнро коста гардонида, дар натиҷа ба афзоиши ҳаҷми қарзҳои мушкилситон дар сандуқи қарзии респондент боис гардад.

Инчунин, яке аз респондентон қайд намудааст, ки мушкилиҳои иҷтимоию экологӣ ба бизнес-хавфҳои респондент таъсиргузор мебошанд. Маҳз ба ҳамин сабабҳо респондент нишондиҳандаҳои осебпазирӣ аз хавфҳои иҷтимоию экологиро пайваста назорат менамояд. Аз ҷумла, ҳармоҳа мониторинги зарарҳои ба муштариён

расонидашуда ва таъсир ба сандуқи қарзии респондент (KRI), инчунин таҳлили солонаи хавфҳои иҷтимоӣ-экологӣ (SEMS) – ро мегузаронад.

8. **Ташкилоти Шумо ба муштариёне, ки тасмим гирифтанд ба лоиҳаҳои сабз сармоягузорӣ кунанд, чӣ имтиёзҳо дода метавонад ва ягон барнома ё ташаббусе доред, ки муштариёнро барои сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои сабз ҳавасманд мекунанд?**

Вобаста ба саволи мазкур қисми зиёди респондентон, ҷавоб доданд, ки ба муштариёне, ки тасмим гирифтаанд ба лоиҳаҳои сабз сармоягузорӣ кунанд, барои ҳавасманд кардани онҳо, **қарзҳоро бо фоизи паст ва давраи имтиёз дар пардохти қарзи асосӣ, инчунин бе пешпардохт, имтиёзҳои паст намудани арзишҳои хизматрасонии ташкилот (тарофаҳо, комиссияҳо), ба мушатариён ба андозаи аз 20 то 30 фоиз грантҳо аз маблағи қарзи додашуда**, пешниҳод менамоянд.

9. **“Ташкилоти Шумо барои баланд бардоштани сатҳи огоҳии муштариён дар бораи маблағгузории сабз ва аҳамияти он барои рушди устувор чӣ чораҳоро андешида истодааст ва дар оянда чӣ нақшаҳо дорад?”.**

Таҳлили ҷавобҳои респондентон ба ин савол, аз он шаҳодат медиҳад, ки аз ҷониби респондентон бо муштариён **корҳои фаҳмондадиҳию таблиғотӣ, расонидани маълумот оид ба маблағгузории сабз, тавассути сомонаҳои интернетӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, телевизион ва радио, гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ барои баланд бардоштани саводнокии молиявии муштариён ва бо кормандони низоми бонкӣ баргузор намудани семинарҳо, тренингҳо, мизи мудаввар ва дигар чорабинҳо** анҷом дода мешаванд.

Ҷиҳати мунтазам гузаронидани чорабиниҳои зикргардида ва аҳамияти онҳо барои рушди устувор аз ҷониби қисме аз респондентон ба таври муфассал маълумот қайд карда шудааст.

10. **“Оё Шумо метавонед самтҳои афзалиятноки иқтисодиётро, ки ба принсипҳои маблағгузории сабз эҳтиёҷи бештар дорад, қайд намоед?”.**

Аз таҳлили ҷавобҳои респондентон бармеояд, ки **соҳаҳои кишоварзӣ, энергетика, саноат, сохтмон, нақлиёт, обёрӣ, сайёҳӣ, хизматрасонӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ ва ҳифзи муҳити зист** ба принсипҳои маблағгузории сабз эҳтиёҷи бештар доранд. Аз ҷумла

респондентон чунин соҳаҳои афзалиятнокро қайд намуданд (нигаред ба диагр. 6).

Диаграммаи 6. Самтҳои афзалиятноки иқтисодиёт, ки ба принсипҳои маблағгузории сабз эҳтиёҷи бештар доранд (бо фоиз)




**11.“Оё ташкилоти Шумо шарикон ё барномаҳои ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, ширкати машваратии ватанӣ ё берунӣ ё муассисаҳои давлатии марбут ба маблағгузории сабз дорад?”.**

Оид ба ин масъала бояд қайд кард, ки на ҳамаи респондентон (62%) бо шарикон, созмонҳои байналмилалӣ ва дигар ташкилотҳо ҳамкории зич доранд.

Диаграммаи 7. Ҳамкории респондентон бо барномаҳои созмонҳои байналмилалӣ ва дигар ташкилотҳо марбут ба маблағгузории сабз (бо фоиз)



Инчунин, аз таҳлили ҷавобҳои респондентон маълум мегардад, ки дар ин самт қисме аз ташкилотҳо (38%) корбарӣ намуда истодаанд (нигаред ба диагр. 7).

12. **“Аз кадом манбаъҳо ва чанд маротиба маълумот оид ба “иқтисодиёти сабз”, “маблағгузории сабз”, “принсипҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ”, “маҳсулоти сабз”, “сарфаи энергия” дастрас кардаед?”.**

Аз таҳлили ҷавобҳои респондентон оид ба саволи мазкур маълум мегардад, ки онҳо маълумот оид ба “иқтисодиёти сабз”, “маблағгузории сабз”, “принсипҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ”, “маҳсулоти сабз”, “сарфаи энергия”-ро аз **паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027, барномаҳои давлатии рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузоришҳои Барномаи Созмони Миллали Муттаҳид оид ба ҳифзи муҳити зист, маълумоти ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, маълумот аз Бонки миллии Тоҷикистон, АМФОТ, дар вохӯриҳо бо сармоягузорони хориҷӣ, инчунин тавассути семинарҳо, тренингҳо, вебинарҳо, сессияҳо, маҷаллаҳо, вебсайтҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар васоити ахбори омма**, дастрас кардаанд.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки респондентон оид ба теъдоди гирифтани маълумот аз манбаъҳо ба таври мушаххас ҷавоб надоданд.

13. **“Барои рушди “маблағгузории сабз” дар Тоҷикистон кадом намуди дастгирӣ ё кумак аз ҷониби Ҳукумат ё танзимгар бештар лозим аст?”.**

Аз таҳлили ҷавобҳои респондентон вобаста ба саволи мазкур маълум гардид, ки қисми зиёди респондентон, бештар дастгирӣ ё кумакро дар шакли:

- таҳия намудани барномаи давлатии рушди “Иқтисоди сабз”, бо назардошти имтиёзҳои андозӣ, пешниҳоди қарзҳои имтиёнок ва дигар имтиёзҳо ба иштирокчиёни барнома;

- такмил додани маблағгузории “сабз” ба таҷҳизоти ҳозиразамонаи воридшаванда, ки дар навбати худ барои самаранок истифодабарии захираҳои табиӣ равона карда шудаанд;

- пайваст шудан ба лоиҳаҳои байналмилалии “маблағгузории сабз”;

- ҷалб намудани маблағҳо бо фоизҳои имтиёзнок барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ;

- фароҳам овардани шароит барои рушди бозори коғазҳои қиматноки сабз, аз ҷумла вомбаргҳои иҷтимоӣ, вомбаргҳои сабзи ипотекӣ;

- мусоидат намудан ба мутобиқшавии хавфҳо аз тағйирёбии иқлим;

- тавассути телевизион, радио ва дигар воситаҳо бештар ташкил намудани намоишҳо ва мусоҳибаҳо дар бораи таъсири технологияҳои каммасраф ба фаъолияти соҳибкорон;

- гузаронидани чорабиниҳои омӯзишӣ дар муассисаҳои таълимӣ, дар мавзӯъҳои тағйирёбии иқлим ва ҳифзи муҳити зист, зарур шумориданд.

**14. “Тавсия ва пешниҳодҳои дигари Шумо вобаста ба принсипҳои маблағгузории сабз кадомҳоянд?”.**

Тавре аз ҷавобҳои респондентон бармеояд, онҳо вобаста ба принсипҳои маблағгузории сабз тавсия ва пешниҳодҳои зеринро зарур шумориданд.

Аз ҷумла, пешниҳоди қарзҳои имтиёзноки дарозмуддат бо як ҳиссаи муайяни грант ва бештар ҷалб кардани онҳо дар ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ.

Қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунанда вобаста ба барориши коғазҳои қиматноки исломӣ (масалан, вомбаргҳои исломии “сабз”, ESG Sukuk) дар кишвар ва суғуртаи исломӣ (такафул), татбиқи барномаҳои давлатии дастгирии маблағгузории “сабз” (аз ҷумла пешниҳоди субсидияҳо), пешниҳоди сабукиҳо ва имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ.

Додани авлавият ба лоиҳаҳои таълимӣ, ки ба огоҳонидан дар бораи сабабҳои асосии таназзули муҳити зист равона шудаанд ва зиёд намудани сармоягузории давлатӣ ба инфрасохтори «сабз» (аз ҷумла нақлиёти ҷамъиятӣ, манбаъҳои барқароршавандаи энергия, сохтмони биноҳои каммасраф) –ро зарур шумориданд.

Инчунин, қисме аз респондентон изҳор намуданд, ки аксарияти принсипҳо ва тавсияҳо дар “Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037” номбар ва дарҷ шудаанд ва иҷрои пурраи принсипҳои стратегияи мазкур бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳо дар ин самт қаноаткунанда мебошад.

Респондентон тавсия додаанд, ки барои аҳолӣ демо-участкаҳо ташкил карда шаванд, то ки дар амал истифода бурдани технологияҳо ва фоидаи онҳоро бинанд ва аз онҳо истифода баранд.

Дигар респондентон дар маҷмуъ пешниҳод намудани имтиёзҳои ҳар чи бештар ба сармоягузории иқтисоди сабз ва дастрасии аҳолӣ ба маблағгузории ин соҳаро мувофиқи мақсад шумориданд.

**15.“Ба ақидаи Шумо маблағгузорӣ аз рӯйи принсипҳои исломӣ барои рушди маҳсулот ва хизматрасониҳои “сабз” чӣ имкон фароҳам меорад?”.**

Аз таҳлили ҷавобҳои респондентон маълум мегардад, ки бештари онҳо ба саволи мазкур ҷавоб надоданд.

Оид ба саволи мазкур қисме аз респондентон фикру ақидаҳои худро изҳор намуданд. Аз ҷумла, изҳор шудааст, ки дар қиёс ба маҳсулоту хизматрасониҳои бонки анъанавӣ, бонки исломӣ барои рушди маҳсулот ва хизматрасониҳои “сабз” имкониятҳои бештар дорад. Яъне, бо истифода аз аҳдҳои Муробаҳа, Иҷора, Салам, Истисноъ ва ғ. бонки исломӣ метавонад, маблағгузориҳои “сабз”-ро бо шаклу роҳҳои мухталиф анҷом диҳад.

Гурӯҳи дигари респондентон иттилоъ додаанд, ки аз соли 2020 тариқи Равзанаи бонкии исломӣ маблағгузории исломӣ намуда истодаанд. Аҳди “Муробаҳа” яке аз маҳсулоти мувофиқ барои маблағгузории сабз мебошад, ки ташкилотҳо амалӣ намуда истодаанд. Принсипи аҳди “Муробаҳа” ташкилотҳоро уҳдадор мекунад, ки бо молрасонҳо ҳамкорӣ ба роҳ монанд. Принсипи зерин низ, дастрасии таҷҳизотҳои маиширо, ки ба гурӯҳи “сабз” дохиланд, ба муштариён таъмин менамояд. Ба ақидаи қисме аз респондентон маблағгузорӣ аз рӯйи принсипҳои исломӣ барои рушди маҳсулот ва хизматрасониҳои “сабз” имконияти ҷалби сармоягузории бонкҳои исломӣ дар доираи “маблағгузории сабз”–ро фароҳам меоварад.

Ба андешаи қисме аз респондентон маблағгузорӣ аз рӯйи принсипҳои исломӣ барои бештар ҷалб намудани муштариён ва ҷалби бештари сармоягузорӣ мусоидат намуда, барои рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва соҳаи экологӣ шароит фароҳам меоварад.